Сафар Раҷаб



# Чистон

Ме тоҷ2
Р-27

САФАР РАҶАБ

# ҶИСТОН

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК-82.3(2 Тоҷик)
Р-48

Муҳаррир *Ховари Абулҳай*
Мусаввир *Усмон Ашӯров*

ISBN 978-9994-2-076-7

© Сафар Раҷаб, 2011

1
Хоначаҳаки чӯбин,
Ҷунбиданаш чи маҳин.
Моро калонак кунад,
Роҳравонак кунад.



2
Ҳалқамонанд овезон,
Ҳаракатош давдавон.
Барои хурду калон
Вақтро кунад намоён.



Китобхонаи ... бачагонаи
Ҷумҳурии ... ба номи
12921

3
Дар болои миз,
Аз ҳама азиз.
Гар набошад он,
Монем мо оҷиз.



4
Худаш ноаён,
Зӯраш бепоён.
Шабро мисли рӯз
Кунад дурахшон.



5
Хуршеди паси шиша,
Воруна кашол меша.
Ду шохи тило дорад.
З- ӯ нуру сафо борад.



6
Сақомонанд намудаш,
Пур зи хун аст вуҷудаш.
Агар намойи назар,
Дарунаш пури лашкар.



7
Се бародарак,
Сурхаку зарду сабзак.



8
Дастонаш чорто,
Шикамаш якто.
Кор шавад осон
Барои инсон.



9

Се гӯш дорад, якто по,
Ходими фасли гармо.
Тоб хӯрад чапу рост,
Роҳатаки ҷони мост.



10

Ҳар хел ҷисму қад дорад,
Ягона мақсад дорад.
Ду гӯш дорад, ду забон,
Даҳта чашмаш намоён.
Зулфаконаш печутоб,
Хизматҳояш беҳисоб.



11
Қаду қоматаш зебо,
Ҳамешасабз аст солҳо.
Ба ҳамаи хонадон
Ҳар сол меояд меҳмон.



12
Нимаш сафед дар назар,
Сиёҳ аст ними дигар.
Чи хурду чи калонаш,
Чорто бошад гӯшҳояш.
Хизмат кунад доимо
Дар тӯю маъракаҳо.



13

Дар сарҳади як кишвар
Сиву шашто бародар.
Бо ҳамдигар якҷоя,
Бошанд доим ҳамсоя.
Аз бар кунишон агар,
Шавӣ бо илму ҳунар.




14

Аз шимолу ғарб омад,
Аз шарқу ҷануб омад.
Аз садои баландаш
Осмон гирифта оташ.
Ашкашро рехт бар замин,
Гулҳо рӯид аз замин.



17
Хурду калон ҳаҷмаш,
Каму зиёд вазнаш.
Дарунаш назар кунӣ,
Донишат беҳтар кунӣ.



18
Шакли доира дорад,
Ҳазорта чашм дорад.
Ба рақс дарояд агар,
Зи чашмонаш барф борад;
Монанди кӯҳи сафед
Ҷамъ шавад бо умед.



19
Сандуқчаи шишагин,
Дарунаш бошад рангин.
Доимо аз ҳар диёр
Орад хабари бисёр.



20
Бехабар ояд,
Ба ларза орад.
Тамоми ҷондор
Ба ташвиш орад.



21
Дувоздаҳто බародар,
Бошад ба ҳам баробар.
Ба чор оила ҷудо,
Дар ҳама рӯи дунё.



22
Забони гӯё дорад,
Қомати боло дорад.
Аз гузашта то имрӯз
Заҳмат кашад шабу рӯз.



23
Ду гӯши сӯрох дорад,
Ду дандони тез дорад.
Афтад чизе ба дандон,
Реза кунад он замон.



24
Се бародар якҷоя,
Раҳнамо дар чорроҳа.



23
Ду гӯши сӯрох дорад,
Ду дандони тез дорад.
Афтад чизе ба дандон,
Реза кунад он замон.



24
Се бародар якҷоя,
Раҳнамо дар чорроҳа.



25
Аз субҳ то шом
Дар фикри таом.
Як моҳи пурра
Шавад риоя.

26
Дар ҳар хонадон
Бошад овезон.
Гулҳояш қатор,
Рангҳояш бисёр.
Будани он зеби хонадон.



27
Зираку чақон,
Занги хонадон.



28
Ҷону ҷуса надорад,
Не меҷакад, не мегазад,
Ба хона намемонад.



Китобхонаи дав... бачагонаи
Ҷумҳурии То... ба номи
12921 Х/р

## Ҷавобҳо

1. Гаҳвора.
2. Соат
3. Нон
4. Қувваи барқ
5. Чароғи барқӣ
6. Анор
7. Чароғак
8. Занбар
9. Шамолтияк
10. Телефон
11. Арчаи солинавӣ
12. Дег
13. Китоби Алифбо
14. Шамол, раъду барқ, борон
15. Чароғак
16. Соат
17. Китоб
18. Элак
19. Телевизор
20. Заминҷунбӣ
21. Сол, фасл, моҳ
22. Қалам
23. Қайчӣ
24. Чароғак
25. Рӯза
26. Парда
27. Саг
28. Қулф

**Сафар Раҷаб**

# ЧИСТОН

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчин *Ш.Имомназарова*

Ба матбаа 11.04.2011. супурда шуд.
Ба чопаш 12.04.2011 имзо шуд. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84
1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 1,5. Адади нашр 2000.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Шаҳпар» ба табъ расид.
ш. Душанбе, хиёбони Дӯстии халқҳо, 47.



Раҷабов Сафар Бобохонович 18-уми июли соли 1962 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Таҳсили ибтидоияшро дар мактаби рақами 10-и ноҳияи Фархор гирифтааст. Баъди хатми мактаби миёна ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии пойтахт дохил мегардад.

Раҷабов Сафар баъди хатми Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, онро бо муваффақият ба анҷом мерасонад.

Ҳоло Раҷабов Сафар корманди Раёсати муҳофизини Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Оиладор, соҳиби 5 фарзанд.